Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-036-и назди Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода (734019, ш. Душанбе, к. Ф. Муҳаммадиев 17/6)

**Тақриз**

**ба автореферати диссертатсияи Сафарзода Рухангези Акбар дар мавзуи «Таҳлили муқоисавии низоми калимаҳои мураккаб ва сохторҳои нимтиредор дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ аз нигоҳи тарҷума» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) пешниҳод шудааст.**

Забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ дар шароити кунунӣ ба таҳқиқоту таҳлилҳои ҳамаҷониба ниёз доранд. Охирҳои асри гузашта Ҷумҳурии Тоҷикистон истиқлолияти комил ба даст оварда, бо кишварҳои олам муносибатҳои гуногунҷанба, аз ҷумла дар соҳаи сиёсату иқтисод, фарҳангу иҷтимоиёт ва ғайра робита барқарор намуд, ки тамоми фаъолияти дуҷониба ва бисёрҷонибаи он таъминоти забониро тақозо мекунад.

Новобаста аз шумораи назарраси корҳои илмӣ оид ба ҷанбаҳои гуногуни калимасозӣ ба анҷом расонида шуда, бо мурури замон забон инкишоф меёбад ва воҳидҳои он аз ҷиҳати сохтор ва маъно тағйир мекунанд. Забони муосири англисӣ дорои воситаҳои гуногун ва махсуси ташаккулёбии калимаҳои мураккаб ва сохторҳои нимтиредор мебошад, ки ин ҳам яке аз вижагиҳои муҳими ин мавзуъ маҳсуб меёбад.

Дараҷаи эътимоднокии кори таҳқиқоти мавриди назарро дақиқ будани маълумот, маводи кофии таҳқиқотӣ, коркарди натиҷаҳои таҳқикот, ҳаҷми интишорот ва гузаронидани таҳқиқоти илмии диссертатсионӣ собит менамоянд. Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ, муқоисавӣ ва таҷрибавӣ пешниҳод карда шудаанд. Ҳамзамон, эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсиониро истифодаи методҳои таҷрибавӣ-луғавӣ, таҳлилӣ, муқоисавӣ, тарҷумавӣ ва ғайраҳо таъмин менамоянд, ки барои дуруст ба роҳ мондани роҳу воситаҳо ва

вижагиҳои тарҷумаи воҳидҳои мураккаби луғавӣ ва сохторҳои нимтиредор аз забони асл ба забони тарҷума мусоидат менамояд ва ин барои донишандӯзони соҳаи забоншиносӣ, забоншиносии муқоисавӣ – таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ ва тарҷумашиносӣ муҳим аст.

Диссертатсияи мазкур дорои муқаддима, 3 боб, хулоса, бахши тавсияҳои илмӣ ва феҳристи адабиёт аст.

Боби якуми диссертатсия «Асосҳои лингвистии омӯзиши воҳидҳои мураккаби луғавӣ» фарогири маълумоти муфассали назариявӣ оид ба воҳидҳои мураккабӣ луғавии забонҳои мавриди назар мебошад. Боби дуюм «Таҳлили муқоисавии сохтор ва маънои воҳидҳои мураккаби луғавӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ» номгузорӣ шуда, воҳидҳои мураккаби луғавии забонҳои муқоисашавандаро аз рӯйи сохтор ва маъно ба риштаи таҳлил ба таври муқоиса кашидааст. Боби сеюм «Хусусиятҳои тарҷумаи воҳидҳои мураккаби луғавии забони англисӣ ба забони тоҷикӣ» унвон дошта роҳу воситаҳои гуногуни тарҷумаи воҳидҳои мураккаби луғавӣ ва сохторҳои нимтиредори забони англисӣ ба забони тоҷикӣ тавассути мисолҳо аз адабиётҳои бадеӣ баррасӣ шудааст. Ҳамчунин, доир ба назарияи тарҷумаи воҳидҳои мураккаби луғавӣ қайдҳо ба назар мерасанд.

Таҳлилҳои илмии аз тарафи муҳаққиқ анҷом додашуда дар сатҳи зарурии илмӣ ба роҳ монда шудааст. Дар таҳқиқоти мавриди назар фикру андешаҳои муаллиф ба таври муҷаз, пайдарпай ва илман асоснокшуда баён гардидаанд.

Бо вуҷуди дастовардҳои илмӣ автореферат аз камбудиҳо орӣ набуда, ин эродҳо ба сифати корро коста намегардонанд:

1. Тартиби рақамгузории сарчашмаҳои қисмати русии автореферат чандон мураттаб нест.
2. Дар автореферати диссертатсия ба хатоҳои имлоӣ ва техникӣ роҳ дода шудааст (саҳ. 2, 6).

Бояд тазаккур дод, ки автореферати диссертатсияи Сафарзода Руҳангези Акбар дар мавзуи «Таҳлили муқоисавии низоми калимаҳои мураккаб ва

сохторҳои нимтиредор дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ аз нигоҳи тарҷума» ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, пурра ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)- доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) мебошад.

**Муқарриз:**
Номзади илмҳои филологӣ, дотсенти
кафедраи забони тоҷикӣ ва ИНШХ-и забони русии
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд
ба номи академик Бобоҷон Ғафуров Элназаров Баҳодур Давронович

Имзои Элназаров Баҳодур Давроновичро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДДХ
ба номи академик Бобоҷон Ғафуров Наврӯзов Э.М.

Суроға:
735700, Ҷумҳурии Тоҷикстон,
ш. Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков 1,
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд
ба номи академик Бобоҷон Ғафуров
Телефон: (+992)927607554
Email: bakhodur_elnazarov1987@mail.ru
31.08. 2022